**Тақризи**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ дар мавзуи «Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа**

Масъалаи мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қароргирифта, яке аз мавзуҳои камтаҳқиқгардида дар илмҳои фалсафӣ ба ҳисоб рафта, хусусияти рӯзмаррагиро дорост. Таъкиди диссертант дар мавриди он, ки «дар фазои фарҳангии замони муосир, ки аз як ҷониб, раванди бунёд ва ташаккули давлатдории миллӣ ва аз ҷониби дигар, масоили ахлоқӣ ба мушкилоти гуногун мувоҷҷеҳ гардида, муносибатҳои инсонӣ дар доираи манфиатҷӯйӣ ташаккул ёфта, мавқеи инсондӯстӣ, эҳсоси ҳамдардӣ, адолату таҳаммулпазирӣ ҳамчун масоили марказии ахлоқ ва инсонсоз заиф гаштааст ва дар шароите, ки арзиши муқаддас доштани оила ҳамчун муҳимтарин институти иҷтимоӣ ва макони тарбияи инсони созанда камарзиш ва аз назар дур гардидааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи мардумони тоҷику форс муҳиму актуалӣ мебошад», гувоҳ аз исботи муҳимияти мавзуи диссертатсионӣ аст. Вобаста ба ин гуфтан ҷоиз аст, ки масоили марбут ба фалсафаи амалӣ аз ҳарвақта дида, имрӯз ба омӯзишу таҳлил, таҳқиқ ва муайян намудани ҷанбаҳои манфию мусбат ниёзи бештар доранд, зеро таъсири раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳама соҳаҳои ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла маънавиёт зиёдтар эҳсос мегардад.

Диссертатсияи Амирхон Ш.Т. дар самти зикршуда саривақтӣ ва дорои арзиши баланди илмию амалӣ мебошад. Муаллиф тавонистааст, дар доираи талаботи муқараргардида ва тавассути методологияи илмӣ мавзуъ, объект ва предмети таҳқиқро муайян, ҳадаф ва вазифаҳоро мушаххас ва ҳамоҳангии мантиқии онҳоро таъмин намояд. Ҳамин аст, ки объект ва предмет ба мавзуи таҳқиқотӣ алоқаманд буда, аз иҷрои вазифаҳои гузошташуда муаллиф ба мақсади муайяннамудаи худ ноил гардидааст. Ҳамзамон, навгониҳои кори диссертатсионӣ бо нуктаҳои ба

ҳимоя пешниҳодшаванда ва натиҷаҳои бадастомада, тавъам мебошанд. Дар иртибот ба андешаҳои баёнгардида, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки мавзуи кори диссертатсионӣ дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Дастоварди муҳими илмии диссертант он аст, ки бори нахуст дар доираи таҳқиқотҳои ба соҳаи фалсафа бахшидашуда, таҳқиқи комплексии фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозиро анҷом дода, мавқеи таълимоти мутафаккирро дар таърихи фалсафаи тоҷик ва арзиши афкори ӯро барои ҷомеаи муосир муайян намудааст.

Муваффақияти дигари муаллифи диссертатсия дар он аст, ки тавассути усулҳои умумимантиқӣ, герменевтикӣ ва муқоисавӣ андешаҳои Қутбиддин Шерозиро бо мутафаккирони дигар қиёс намуда, ҳусну қубҳи онҳоро ошкор ва барои замони муосир то кадом дараҷа мувофиқат намудан ва арзишманд будани онҳоро ошкор менамояд.

Қисмати асосии диссертатсияро таҳлили сарчашмаҳои назариявии фалсафаи амалӣ, масоили ахлоқӣ, фалсафаи манзилдорӣ ва андешаҳои сиёсиву иҷтимоии Қутбиддин Шерозӣ ташкил менамояд. Кори диссертатсионӣ аз чор боб ва дувоздаҳ фасл иборат буда, масъалагузориҳо дар ҳама бобҳои он робитаи бевосита ба мавзуъ ва ба ҳамдигар мантиқан пайваст мебошанд.

Хулосаҳои пешниҳоднамуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ, аз муҳтавои диссертатсия маншаъ гирифта, комилан хусусияти илмӣ доранд. Ҳар як банди хулоса ба зербоҳои диссертатсия тааллуқ дошта, такрори айнии хулосаҳои зербобҳо набуда, дар маҷмуъ натиҷаи таҳқиқотро ифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи пешниҳодшаванда кори илмии анҷомёфта буда, сохтор ва мазмуни он гувоҳ аз салиқаи баланди муаллиф мебошанд. Масъалагузориҳо ва ҳалли мантиқии онҳо дар раванди таҳқиқот шоҳиди мустаъқилияти андешаи диссертант мебошанд.

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида, ҳамчун мушовири илмии диссертант таъкид менамоям, ки диссертатсияи Амирхон Шоҳҳусайн

Талбониро дар мавзуи “Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа кори илмии тахассусии мустақилона ва анҷомёфта буда, ба меъёрҳои “Низомнома оид ба тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ ”-и КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессор, узви вобастаи АМИТ** **М. Музаффари**